Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 22 (4605) | ЧОРШАНБЕ, 8 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## МУЛОҚОТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БО МАНСУР МУХТАР

**Шашуми феврали соли 2023 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ноиби президенти гурӯҳи Бонки исломии рушд оид ба амалиёт доктор Мансур Мухтарро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар вохӯрӣ ҷанбаҳои гуногуни ҳамкории Тоҷикистон бо Бонки исломии рушд мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сатҳи ҳамкории судманд бо Бонки исломии рушд қаноатмандӣ карда, саҳми бонкро дар татбиқи лоиҳаҳое, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон равона шудааст, баланд арзёбӣ намуданд.

Ҷонибҳо дар вохӯрӣ рафти татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, энергетика, нақлиёт, обёрӣ ва дигар бахшҳои афзалиятноки иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистонро баррасӣ карданд.

Таъкид гардид, ки тайи давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон Бонки исломии рушд дар кишвари мо силсилаи лоиҳаҳои муҳимро амалӣ намудааст, ки маблағи умумии онҳо зиёда аз шашсаду бист миллион долларро ташкил медиҳанд.

Дар ҷараёни мулоқот ҷонибҳо, ҳамчунин, масъалаҳои ҳамкорӣ дар самти таҳияву татбиқи Стратегияи шарикии байни Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд, зарурати маблағгузории чорабиниҳои барқарорсозӣ пас аз буҳрони бемории сироятӣ, коҳиш додани таъсири омилҳои беруна ба иқтисодиёти мо, пешгирӣ ва бартарафсозии офатҳои табииро, ки дар аксар мавридҳ боиси хисороти зиёди иқтисодиву молӣ ва ҳатто талафоти ҷонӣ мегарданд, баррасӣ намуданд.

Мусоидат ба рушди инфрасохтор, татбиқи лоиҳаҳо оид ба бунёду таҷдиди роҳҳо, иншооти соҳаи энергетика, барқарорсозии низоми обёрӣ ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ аз самтҳои дигари ҳамкории судманди ҳар ду ҷониб номида шуд.

www.president.tj

## МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БА ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН САФАР НАМУД

**Ҳаштуми феврали соли 2023 ҳайати парлумонии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ба Ҷумҳурии Қазоқистон сафар кард.**

Ҳайати парлумонии кишвар дар нахустин Форуми байнипарлумонии давлатҳои Осиёи Марказӣ - «Дар хусуси таҳкими ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи стратегии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва нақши парлумонҳо дар ин раванд», ки 9 - 10-уми феврали соли ҷорӣ баргузор мегардад, иштирок ва суханронӣ менамоянд.

Ёдовар мешавем, ки дар кори нахустин Форуми байнипарлумонии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шаҳри Туркистони Ҷумҳурии Қазоқистон раисони парлумонҳои ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон иштирок менамоянд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

### Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ТОҶИКИСТОН ВА ИМКОНИЯТҲОИ ТРАНЗИТИИ ОН

**Тоҷикистон давлати кӯҳсор мебошад, ки 93 фисади ҳудуди онро кӯҳҳои сарбафалак ташкил медиҳанд ва имконияти ба баҳр баромаданро надорад. Дар манзари геополитикии олам Тоҷикистон дорои мавқеи муҳим буда, бо давлати бузург Хитой дар шарқ ва бо Афғонистон дар ҷануб сарҳади тӯлонӣ дорад.**

Ҳанӯз аз нимаи дуюми асри XIX таваҷҷуҳи кишварҳои абарқудрат ба ин минтақа зиёд буд. Бо назардошти чунин омилҳо аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолии мамлакат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба бунёди роҳҳо, баровардани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани Тоҷикистон ба кишвари транзитӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онро яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар муайян намуданд.

Дар замони шӯравӣ минтақаҳои кишвар, махсусан ВМКБ ва вилояти Суғд бо пойтахти кишвар танҳо роҳи мавсимӣ доштанд ва шаҳрвандон дар фаслҳои зимистон тавассути Ӯзбекистону Қирғизистон ба пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе рафтуомад мекарданд. Ҳамчунин, баъд аз пош хӯрдани Давлати Шӯравӣ нақшаи геополитикии ҷаҳон низ тағйир ёфт ва барои кишвари мо, ки дар замони шӯравӣ аз ҷиҳати мавқеи географӣ давлати сарҳадӣ ба ҳисоб мерафт, яъне дар ҷануб бо Афғонистон ва дар шарқ бо Хитой ҳамсарҳад буд, роҳи байналмилалӣ вуҷуд надошт. Омилҳои мазкур барои давлати тозаистиқлоли мо дар баробари низои дохилӣ мушкилоти зиёдро пеш меовард. Дар шароити нави муносибатҳои байналмилалӣ ҷумҳурии мо имконияти бузурги транзитӣ, яъне аз қаламрави кишвар гузаштани долонҳои байналмилалиро дорад. Дар тӯли се даҳсолаи соҳибистиқлолӣ роҳҳои аҳамияти байналмилалӣ бунёд гардиданд ва кор дар қитъаҳои алоҳида босуръат идома дорад.

Қадамҳои нахустин дар ин самт бунёди роҳи оҳани Бохтар - Кӯлоб ва роҳи автомобилгарди қитъаи Шоҳон - Зиғари роҳи байналмилалии Душанбе - Кӯлоб - Қалъаи Хумб - Хоруғ - Кулма мебошанд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ аксари роҳи автомобилгард ва роҳи оҳан таҷдид гардиданд. Дар Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми декабри соли 2021, ки ба 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост омад, Роҳбари давлат нишондиҳандаҳои самти мазкурро муфассал таҳлил намуда, чунин қайд намуданд: «Имрӯзҳо дар соҳаи нақлиёт татбиқи 13 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии зиёда аз 11 миллиард сомонӣ идома дорад, ки барои ба кишвари дорои шароити муосири транзитӣ табдил ёфтани Тоҷикистон мусоидат мекунад. Дар панҷ соли оянда, яъне солҳои 2022-2026 боз сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингарди Гулистон - Фархор, Ҷалолиддини Балхӣ - Қубодиён - Шаҳритус, Данғара - Гулистон - Кӯлоб, Рӯшон - Хоруғ - Кулма, Хуҷанд - Конибодом ва Хуҷанд - Ашт оғоз мегардад. Дар давоми солҳои 2022 - 2026 зиёда аз 1000 километр роҳҳои мошингард, 53 пул, 7 нақб ва 5 долони зидди тарма бунёд карда мешаванд, ки қисми зиёди онҳо дорои сатҳи байналмилалӣ мебошанд».

Бо ташаббуси Пешвои миллат дар кишвар лоиҳаҳои бузург, аз ҷумла роҳҳои байналмилалии Душанбе - Бӯстон - Чаноқ, Душанбе - Айнӣ - Панҷакент, Душанбе - Бохтар - Панҷи Поён - сарҳади Афғонистон, Душанбе - Кӯлоб - Қалъаи Хумб - Хоруғ - Кулма - сарҳади Чин, ба анҷом расиданд. Ба истифода додани қитъаҳои Душанбе - Данғара бо нақбҳои «Хатлон» ва «Озодӣ», «Дарвоз», оғози корҳои сохтмонӣ дар қитъаи Қалъаи Хумб - сарҳади Рӯшон ва корҳои лоиҳакашӣ дар қитъаи Рӯшон- деҳаи Варшези ноҳияи Шуғнон ва ғайра аз ҳамон ҷумлаанд.

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз рӯзҳои нахустини Истиқлолияти давлатӣ дар маркази диққати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Дар ин давра, баробари рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ сохта ба истифода додани роҳҳои аҳамияти байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ба беҳтар гаштани ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мардум такони ҷиддӣ бахшид.

Тавре зикр намудем, роҳи байналмилалии Душанбе - Кӯлоб - Қалъаи Хумб - Хоруғ - Кулма - сарҳади Хитой маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ марҳила ба марҳила таҷдид гардид. Қитъаи Шоҳон-Зиғар дар ноҳияи Дарвоз, ки мавзеи вазнинтарини он бо номи «Девдара» маълум буд, ба «Гулдара» табдил дода шуд. Имрӯзҳо корҳои сохтмонӣ дар қитъаи Қалъаи Хумб - сарҳади Рӯшон идома дорад. Ин қитъаи роҳ 109 километрро ташкил дода, бо таҷдиди он 16 километр кӯтоҳ мегардад. Маблағи лоиҳа қариб 2,5 миллиард сомониро ташкил дода, дар ин масир корҳои тахту ҳамворкунӣ, васеъкунии роҳ, гузоштани 330 қубури обгузар, сохтмони ҷӯйборҳои бетонӣ дар ду канори роҳ бо дарозии 3 ҳазору 328 метр, бунёди 5 долон бо дарозии 601 метр, ду нақб ва 15 пули мошингузар бо дарозии 633 метр ва дигар иншооти зарурӣ пешбинӣ шудааст. Лоиҳакашӣ дар қитъаи Рӯшон - Вашези ноҳияи Шуғнон оғоз гардида, каме пас корҳои сохтмонӣ дар ин мавзеъ оғоз меёбанд. Тибқи нақша, то соли 2026 роҳи байналмиллалии Душанбе - Кӯлоб - Қалъаи Хумб - Хоруғ - Кулма пурра азнавсозӣ мегардад.

Сарвари давлат дар Паёми навбатӣ ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат зикр намуданд: «Бо мақсади беҳтар намудани вазъи роҳу шоҳроҳҳои мошингард ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон дар 5 соли охир дар соҳаи нақлиёт 13 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 5 миллиарду 130 миллион сомонӣ амалӣ гардида, дар натиҷа 250 километр роҳҳои мошингард, 42 пул, 4 долон ва якчанд эстакада бунёд карда шуданд. Ҳоло дар соҳа боз 17 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 11 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст. Дар се соли оянда 6 лоиҳа ба маблағи 7,4 миллиард сомонӣ ба анҷом расида, 317 километр роҳи байналмилалии мошингард, 32 пул, 5 нақб бо дарозии 11,2 километр ва 7 долон ба истифода дода мешавад.

Корҳои дар соҳа анҷомдодашуда имконият фароҳам оварданд, ки мавқеи Тоҷикистон дар зарфи чор соли охир тибқи арзёбии Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ дар раддабандии ҷаҳонии сифати роҳҳо дар байни 138 давлати ба таҳқиқот фарогирифташуда зинаи 50-умро устувор нигоҳ дорад».

Хулоса, дар давоми соҳибистиқлолӣ бо назардошти имкониятҳои бузурги транзитии кишвар Пешвои миллат стратегияи аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакатро таҳия ва татбиқ намуданд, ки натиҷаҳояш ба ҳама маълум аст.

**Комилбек АМИД,**
**ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев**

**«Вазъи ҳассоси ҷаҳони имрӯза, бахусус ба танқисии шадиди озуқаворӣ дучор гардидани чоряки кишварҳои дунё, моро водор месозад, ки ҷиҳати таъмин намудани ҳадафи стратегиамон - ҳифзи амнияти озуқаворӣ тадбирҳои иловагӣ андешем»**

***(Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, шаҳри Душанбе, 23 - юми декабри соли 2022)***

## ҚУТБНАМОИ ФАЪОЛИЯТ

**Чун ҳарсола Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» корҳои дар соли 2022 басомонрасида, дастовардҳо ва корҳои дар оянда банақшагирифтаро бо тадқиқҳои саҳеҳу равшан соҳа ба соҳа таҳлил намуданд. Президенти мамлакат зимни суханрониҳои таҳлилӣ аввал истифода аз арқому санадҳои санҷида ва таҳлилёфта ёдовар шуда, ин тарзи муқоисавии таҳлилҳо касро ба он водор мекунад, ки осон сарфаҳми матлаб шавад.**

Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт. Дар панҷ соли охир сатҳи некуаҳволии мардум тадриҷан баланд шуда, даромади пулии аҳолӣ аз 41, 1 миллиард сомонии соли 2018 ба 87 миллиард сомонӣ дар соли 2022 расид. Дар натиҷа, сатҳи камбизоатӣ аз 27,4 фоизи соли 2018 то 22,5 фоиз коҳиш ёфт.

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои истеҳсолкунандаи асосии анвои неъматҳои моддӣ ба ҳисоб рафта, рушди он ба пешрафти бахшҳои дигари иқтисодиёт заминаи мусоид фароҳам меорад. Бояд зикр кард, ки пахта ва маҳсулоти пахтагӣ амнияти саноатиро таъмин намуда, ба рушди дигар соҳаҳо дар кишвар мусоидат менамояд. Дар Тоҷикистон соле тайи 400 ҳазор тонна пахта ҷамъоварӣ карда мешавад, ки аз он тақрибан 140 тонна нах истеҳсол кардан мумкин аст. Дар «Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии микроиқтисодии Тоҷикистон барои солҳои 2022 – 2024» дар робита ба ин гуфта мешавад, ки соли 2022 содироти 60 ҳазор тонна нахи пахта ба маблағи 89,9 миллион доллар пешбинӣ гардида, дар соли 2023 ин нишондиҳанда 50 ҳазор тонна ( 79,6 миллион доллар) ва соли 2024 то 40 ҳазор тонна (66,1 миллион доллар) дар назар дошта шудааст. Яъне, ҳадаф кам кардани ҳаҷми содироти нах ба сифати ашёи хом ва дар дохили кишвар коркарди ниҳоии пахта мебошад. Аз ин лиҳоз, Президенти кишвар дар доираи «Солҳои рушди саноат» Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатиро вазифадор намуданд, ки барои таъмин кардани рушди саноати сабук доир ба панҷ маҷмааи коркарди ниҳоии нахи пахта бо ҷалби беш аз 11 миллиард сомонӣ чора андешанд.

Ин нуктаро Сарвари давлат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъкид карданд: «Дар ин самт Вазорати саноат ва технологияҳои нав вазифадор аст, ки якҷоя бо Вазорати кишоварзӣ, вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бо ҷалби сармоя ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҷиҳати дар се соли минбаъда бунёд кардану ба кор андохтани маҷмааҳои коркарди ниҳоии нахи пахта дар 5 шаҳру ноҳия, аз ҷумла шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб, чораҳои саривақтӣ андешад».



Аз 400 ҳазор тонна пахта зиёда аз 40 ҳазор тонна равған ва 45 ҳазор тонна хӯроки чорво, дар маҷмӯъ дар ҷаҳони муосир зиёда аз 200 навъи маҳсулоти гуногун истеҳсол мекунанд. Моҳияти супориши Президенти кишвар дар Паём ба фаъолияти пурсамари корхонаҳои саноатӣ, бахусус саноати сабук - равғанбарорӣ, нассоҷӣ, қолинбофӣ, кешбофӣ, дорусозӣ, вобастагӣ дорад.

Президенти кишвар заҳмати шабонарӯзии кишоварзони мамлакатро дар ҳоле қадршиносӣ карданд, ки бархӯрдҳои шадиди ҷаҳонӣ, таҳримҳои иқтисодӣ, коҳиши истеҳсоли маҳсулот ва болоравии нархи маҳсулоти ғизоӣ вусъат мегирифт. Ин маънӣ як навъ қадршиносии барҷаста нисбат ба мардуме мебошад, ки дар фаровонии бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ саҳм гузоштанд. Дар Паём зикр шуд: «… соли 2022 истеҳсоли ғалладонагиҳо ба як миллиону 600 ҳазор тонна, картошка ба як миллион ва меваю сабзавот ба 3 миллиону 200 ҳазор тонна расонида шуд. Дар натиҷа, тайи панҷ соли охир суръати рушди солонаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7 фоиз нигоҳ дошта, 1,4 баробар афзоиш ёфт. Истеҳсоли гӯшти паранда дар ин давра 8 баробар зиёд шуда ҳаҷми воридоти он 11 баробар кам гардид», бевосита маҳсули заҳмати зеҳнии мутахассисон ва заҳмати кишоварзон мебошад.

Новобаста ба пешравиҳо дар соҳаи кишоварзӣ мушкилот мавҷуд аст, ки яке аз инҳо зиёд гардидани талаботи хоҷагиҳои кишоварзӣ ба нуриҳои минералии гуногун ва гарон будани нархи онҳост.

Президенти кишвар таъкид карданд, ки дар доираи имконияту захираҳои мавҷуда ҷиҳати ба роҳ мондани истеҳсоли нуриҳои маданӣ тадбирҳои муассир андешида шавад: «Вазорати саноат ва технологияҳои нав якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва соҳибкорон ҷиҳати таъсис додани корхонаҳои истеҳсоли нуриҳои минералӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд».

Барои мунтазам зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯроквори ба захираю имкониятҳои мавҷуда – об ва замин муносибати ҷиддӣ дошта бошем. Бе беҳтар кардани ҳолати мелиоративии замин рушди соҳаи кишоварзӣ ғайриимкон аст.

Роҷеъ ба ин масъала дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин дарҷ шудааст. «Дар панҷ соли охир ҳолати мелиоративии 50 ҳазор гектар замин беҳтар гардида, 13 ҳазор замини нав аз худ ва 23 ҳазор гектар замини аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ба гардиш ворид карда шуд. Вобаста ба маданияти заминдорӣ, бахусус дар кишти такрорӣ ва гирифтани ҳосили иловагӣ, беҳтар гардида, майдони кишти заминҳои такрорӣ дар панҷ соли охир аз 90 ҳазор гектар ба 213 ҳазор гектар расид».

Ҷавҳари ин ҳуҷҷати муҳим беҳтар сохтани шароити рӯзгори мардум аст, яъне он чӣ борои рушди мамлакат созгор аст. Бесабаб нест, ки Президенти кишвар дар ин Паём мафҳуми «рушд» - ро бо мафҳуми «ватандӯстӣ» дар як радиф монда, онро шиори кору фаъолияти ҳар як шаҳрванди кишвар қаламдод карданд.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА,**
**«Садои мардум»**

## ПРОКУРАТУРАИ ФАЙЗОБОД УСУЛИ ТАЪСИРБАХШИ ШАРҲУ ТАВЗЕҲИ ПАЁМРО МАВРИДИ АМАЛ ҚАРОР ДОД

**Прокуратураи ноҳияи Файзобод баҳри амалӣ намудани нишондодҳои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи таблиғотиро таъсис дод. Гурӯҳ бо навбат ба нуҳ Ҷамоати шаҳраку деҳот, ташкилоту муассисаҳо, ҷойҳои ҷамъиятӣ рафта, ба мардум муҳтавои Паёмро шарҳу тавзеҳ медиҳанд.**

Имрӯз гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб кардани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосиру иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода бурда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд, ки иқдоми мазкур муҳиму саривақтист.

- Дар шароити кунунӣ мо вазифадорем, ки пеши роҳи амалҳои террористиву экстремистиро гирем, нагузорем, ки фарзандони мову шумо фирефтаи ташкилотҳои тундгароӣ шаванд. Мутаассифона, бинобар аз даст додани зиракии сиёсӣ даҳҳо ҷавононро нотавонбинони миллат ва давлат гумроҳ карданд, ки пайомадаш фоҷиабор буд, - таъкид намуд аъзои гурӯҳ.

Рисолати ватандӯстӣ ва қарзи шаҳрвандии ҳар шахси баору номус аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» - ро сармашқи фаъолияти ҳамарӯзаи худ қарор диҳанд. Фарзандонро дар рӯҳияи худогоҳӣ, эҳтироми арзишҳои миллию умумибашарӣ, дониши хубу аъло, эҳтироми калонсолон, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ тарбия кунанд. Мақомоти прокуратура бо мардум чунин вохӯриҳоро вобаста ба Паёми Президент ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор минбаъд низ доир менамояд.

**Ҳокими САФАР, ноҳияи Файзобод**



# АЗ НИШАСТҲОИ МАТБУОТӢ

## Раҷаббой АҲМАДЗОДА: «2022 СОЛИ БОБАРОР БУД»



**Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода сеюми феврали соли равон дар нишасти матбуотӣ соли 2022-ро барои мардуми вилояти Суғд соли бобарор арзёбӣ намуд.**

- Таҳлили 30 - солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сафарҳои корӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилоят, ифтитоҳи иншооти ҳаётан муҳим бо ҳузури Пешвои миллат ва рӯйдодҳои фараҳбахши соли сипаришуда мебошанд. Ин муддат рушди иқтисодӣ ба 31,9 миллиард сомонӣ ва суръати афзоиш ба 108,1 фоиз расид. Ҳиссаи вилоят дар нишондиҳандаи рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба 27,6 фоиз баробар шуд, - гуфт Раҷаббой Аҳмадзода.

Таъкид шуд, ки соли рафта дар соҳаҳои саноат (бо назардошти индекси нархҳо) 118 фоиз, кишоварзӣ - 112, сохтмон - 114,6, таъмиру тармими роҳҳо - 113,7, нақшаи даромади буҷети давлатӣ бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 105,4, фоиз таъмин гардид.

Кам кардани теъдоди ноҳияҳои субвенсионӣ, фаъолияти Маҷлиси вакилони халқи вилоят дар соли сипаришуда, ҳанӯз ба фурӯш нарафтани пахтаи деҳқонони вилоят, саҳми корхонаҳои металлургӣ дар ғанӣ гардидани буҷет ва вазъи минтақаи наздисарҳадӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистон аз ҷумлаи масъалаҳое буданд, ки рӯзноманигорон зимни нишасти матбуотӣ пурсиданд.

Иттилоъ дода шуд, соли ҷорӣ шаҳри Истиқлол ва ноҳияи Ашт, соли оянда шаҳри Исфара ва ноҳияи Спитамен аз субвенсия мебароянд.

Ҳиссаи корхонаҳои истихроҷи маъдан дар ғанӣ гардидани буҷети вилоят 60 дарсад арзёбӣ шуд.

Маълум гардид, ки вакилони халқи вилоят соли сипаришуда чор ҷаласа баргузор намуда, масъалаҳои мубрамро мавриди баррасӣ қарор додаанд.

- Сабаби то ҳол ба фурӯш нарафтани пахта поин рафтани нархи он дар бозори ҷаҳонӣ мебошад. Умед дорем, ки оянда наздик мушкили деҳқонон бартараф мегардад, - иброз намуд Раҷаббой Аҳмадзода.

Вобаста ба вазъи сарҳади Тоҷикистону Қирғизистон зикр шуд, ки дар мулоқоти навбатии роҳбарони вилояти Суғду Боткен, ки бо иштироки роҳбарони сохторҳои қудратии ҳар ду кишвар доир гардид, масъалаи делимитатсия ва демаркатсия бори дигар мавриди баррасӣ қарор гирифта, умед дорем, ки муносибатҳои неки ҳасана барқарор хоҳанд шуд.

Дар интиҳо озмуни «Хомаи созанда-2022» байни журналистони вилоят ҷамъбаст ва 39 нафар бо диплом ва мукофот қадр шуданд.

**Мирзоаъзам МАҚСУДОВ, «Садои мардум»**

## ДАР ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГӢ МАРКАЗИ ТАЪЛИМӢ – МУҲАНДИСИИ ЛИФТ ИФТИТОҲ ЁФТ

**Баланд бардоштани сифати таълим дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои стратегӣ пазируфта шуда, роҳбарияти донишгоҳ барои ҷавобгӯ будани он ба стандартҳои байналмилалии таҳсилоти олии касбӣ нақша - чорабиниҳоро амалӣ намуда, дар фазои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи худро боло бурд. Айни замон се барномаи таълимии донишгоҳ аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузашта, соҳиби шаҳодатномаи байналмилалӣ мебошанд. Донишгоҳ соли гузашта дар рейтинги байналмилалӣ ширкат варзида, ба чоргонаи донишгоҳҳои бонуфузи АвруОсиё шомил гардид ва бо ҷоизаи бонуфузи «Ситораи сифат» сарфароз шуд.**

Аз ин хусус ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амонзода Илҳом Темур зимни нишасти матбуотӣ, ки 3-юми феврал баргузор гардид, иттилоъ дод.

Ректор дар идома изҳор дошт, ки раёсати донишгоҳ ҷиҳати бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз гардонидани озмоишгоҳҳо барои иштирок дар озмуни таъмин кардани донишгоҳ бо «Таҷҳизоти ченкунанда ва ёрирасони нассоҷӣ» дархост намуд. Дар натиҷа, лоиҳа ба маблағи 84 ҳазору 503 доллари ИМА амалӣ гардида, се озмоишгоҳ – масолеҳшиносии нассоҷӣ ва стандартикунонӣ, технологии бофандагӣ ва коркарди аввалини нахҳои нассоҷӣ бо 18 адад таҷҳизот муҷаҳҳаз гардонида шуданд.

Дар самти мустаҳкам намудани алоқа бо истеҳсолот ва фароҳам овардани шароит барои таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён бо корхонаю муассисаҳо 30 шартномаи ҳамкорӣ баста шуд. Дар умум, чунин шартномаҳо бо 125 корхонаю ташкилот ва муассисаҳо ба имзо расонида шуданд.

- Ҷиҳати амалӣ кардани дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, татбиқи «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ барои давраи то соли 2040»



Маркази таълимӣ – муҳандисии лифтро дар ҳамкорӣ бо Коллеҷи лифти Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ ва ҳамоҳангсозии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ бахшидем. Дар маркази мазкур бо ҷалби устодон ва мутахассисон аз Коллеҷи лифти Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ курсҳои кӯтоҳмуддати ҷӯрсозӣ ва таъмири лифтҳои замонавӣ ба роҳ монда мешавад, - афзуд ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Амонзода Илҳом Темур.

**Абдумаҷид МУРОДОВ, «Садои мардум»**

## ДОНИШГОҲИ СЛАВЯНИИ РОССИЯВУ ТОҶИКИСТОН. 15 ҲАЗОР СОМОНӢ БА ОЛИМОНИ ОЯНДА



**- Дар донишгоҳ тибқи иқдоми махсус ба ҳар омӯзгоре, ки номзадиашро ҳимоя мекунад, 15 ҳазор сомонӣ тӯҳфа карда мешавад, - гуфт ректори Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон Машраб Файзулло сеюми феврали соли ҷорӣ зимни нишасти матбуотӣ.**

Ректор афзуд, ки соли 2022 устодони донишгоҳ 10 диссертатсия, аз ҷумла 4 докторӣ ва 6 номзадӣ, ҳимоя кардаанд. Ҳоло дар донишгоҳи мазкур 2 шӯрои диссертатсионӣ амал мекунад.

Шумораи умумии омӯзгорони доимӣ то 35-сола 96 нафарро ташкил дода, аз 63-сола боло 66 нафар мебошад. Теъдоди омӯзгорони дорои унвони илмӣ 79 нафар аст.

Машраб Файзулло, ҳамчунин зикр кард, ки дар соли таҳсили 2022-2023-юм 288 донишҷӯи хориҷӣ аз 11 кишвар - Озарбойҷон, Афғонистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Полша, Кореяи Ҷанубӣ, Туркманистон, Ӯзбекистон, Украина, Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Халқии Хитой таҳсил мекунанд.

Айни замон шумораи умумии таълимгирандагони Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон 5362 нафар мебошад, ки аз онҳо 3803 кас дар шуъбаи рӯзона ва 1559 нафар дар шуъбаи ғоибона таҳсил мекунанд. Инчунин, 381 магистрант дар шуъбаҳои рӯзона ва ғоибона ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»**

## ҶАРИМАБАНДИИ ВАЙРОНКУНАНДАГОНИ ҚОНУН БА МАБЛАҒИ 3,4 МИЛЛИОН СОМОНӢ



**- Соли сипаригардида аз ҷониби Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 3562 квотаи ҳаҷ ҷудо шуда буд. Барои анҷом додани маносики ҳаҷ асосан шаҳрвандоне сафарбар гардиданд, ки ҳанӯз соли 2020 навбаташон расида, бинобар хуруҷи бемории сироятии COVID - 19 имкони адои ҳаҷро надоштанд. Арзиши хизматрасониҳо барои мавсими ҳаҷи соли 2022 дар мувофиқа бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 60 ҳазору 520 сомонӣ муайян карда шуд, - гуфт раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сулаймон Давлатзода.**

Зикр шуд, ки арзиши хизматрасониҳо барои мавсими ҳаҷи соли равон ҳанӯз аз ҷониби Шоҳигарии Арабистони Саудӣ пешниҳод нашудааст.

Мутобиқи маълумоти пешниҳодкардаи комиссияҳои доимии танзими анъана ва ҷашну маросими мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, соли 2022-юм 31 ҳазору 175 рейд гузаронида шудааст. Дар натиҷа, 770 ҳолати вайрон кардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба қайд гирифта шуд, ки нисбат ба соли қаблӣ 89 ҳолат зиёд мебошад. Маблағи ҷаримаҳои таъингардида 3 миллиону 450 ҳазору 372 сомониро ташкил медиҳад.

Сулаймон Давлатзода зикр кард, ки тибқи нақша - чорабиниҳои муштарак, ходимони дин якҷо бо кормандони мақомоти дахлдор ба муассисаҳои ислоҳӣ рафта, дар хусуси фазилати ахлоқи ҳамида, пешгирии гароиш ба ҷараёнҳои ифротӣ суҳбатҳо менамоянд.

Инчунин, имом - хатибон ҳамеша дар мавзӯъҳои масъулияти волидайн дар таълиму тарбияи фарзанд, ватандӯстӣ, эҳтироми падару модар, ғамхорӣ ба ятимону барҷомондагон, садақаи ҷория ва ғайра ба намозгузорон насиҳат мекунанд.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

## «АМОНАТБОНК» ДАР МОҲИ ФЕВРАЛ БАҲОР ОВАРД



**Дар ҳама нишастҳои матбуотии Бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон «Амонатбонк» роҳбарият аз дастоварду пешравиҳо ва пешниҳоди маҳсулоти нави бонкӣ мужда медиҳанд.**

Лозим ба ёдварист, ки «Амонатбонк» қаблан дар заминаи иҷрои бетаъхири дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарзҳои имтиёзнокро таҳти унвони «Кишоварз», «Дониш», «Автокредит» ва «Занҳои муваффақ» пешниҳод карда буд, ки натиҷаи ин ибтикор назаррас аст.

Ин навбат раиси Раёсати БДА ҶТ «Амонатбонк» Сироҷиддин Икромӣ ба журналистон аз рӯи кор омадани намуди наву имтиёзноки қарз бо номи «Баҳор - 2023» иттилоъ дод.

Зимни саволу ҷавоб маълум гардид, ки маблағи қарз аз 3 000 сомонӣ то 500 000 сомонӣ буда, он бо пули миллӣ ё мутаносибан бо асъори хориҷӣ пешниҳод мешавад. Муҳлати қарз то 36 моҳ буда, дар давраи аввали пардохти қарзи асосӣ то як сол имтиёз дода мешавад.

Меъёри фоиз 18 % солона бо сомонӣ ва 10% солона бо доллари ИМА муайян гардида, «Баҳор – 2023» барои рушди чорводорӣ, парандапарварӣ, занбӯриасалпарварӣ, боғпарварӣ, обёрӣ ба тариқи қатрагӣ, харидорӣ кардани тухмӣ, нуриҳои минералӣ, коркарди замин, пардохти ҳаққи хизмати коргарон, хариди техникаи хоҷагии қишлоқ ва хариди сӯзишворӣ пешбинӣ шудааст. Муштариёне, ки дар доираи «Лоиҳаи музди меҳнат ва нафақа» дорандаи корти пардохтии «Амонатбонк» мебошанд, аз ҷойи кор маълумотнома талаб карда намешавад.

Дастури дигари Роҳбари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - бештар ба кор ҷалб кардани занон низ аз ҷониби роҳбарияти ин бонки низомсози кишвар бетаъхир иҷро гардида, ҳоло, агар посбон, инкасатор ва дигар корҳои танҳо ба мардон хосро истисно намоем, ин нишондиҳанда 56 фоизро ташкил медиҳад.

Чун ҳарвақта журналистон ба қарзҳои мушкилситон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуданд. Посухи Сироҷиддин Икромӣ дастоварди дигарро ба маъраз гузошт. Маълум гардид, ки дар заминаи ташаккули Фонди пӯшонидани талафоти имконпазир қарзҳои мушкилситон дар БДА ҶТ «Амонатбонк» аз байн рафтааст. Зимни шарҳу тавзеҳи масъалаи мазкур раиси Раёсати «Амонатбонк» гуфт, ки ташаккули фонди мавриди назар бо истифода аз даромадҳои бонк сурат гирифта, дар ин замина 123,2 миллион сомонӣ барқарор гардид.

Таъкид шуд, ки сол то сол дастурамалҳои Бонки миллӣ низ вобаста ба ин масъала ҷиддитар шуда, агар мизоҷ ду моҳ фоизи қарзро пардохт накунад, ба рӯйхати қарзҳои мушкилситон дохил мешавад.

Зимни рӯнамоии фаъолияти яксола журналистон аз дастовардҳои дигари бонк низ огоҳ шуданд. Барои мисол, дороиҳо 6,3 млрд. сомонӣ ва уҳдадориҳо 5,6 млрд. сомониро ташкил дод, ки нишондиҳандаи арзандаи ситоиш маҳсуб шуда, нисбат ба соли 2021 мутаносибан 42,8% ва 45,4% зиёд мебошад. Ҳамрадиф бо ин, сармояи бонк ба 720,5 млн. сомонӣ расида, дар муқоиса ба соли 2021-ум 25,2% афзуд.

Ҷанбаи дигари муҳим - пардохтпазирии бонк дар сатҳи баланд қарор дошта, маблағҳо сари вақт ба ҳисобҳои дахлдор гузаронида шуданд.Чун фаъолият дар сатҳи хубу сифати баланд роҳандозӣ шуд, табиист, ки фоидаи софи бонк тамоюли афзоишро касб менамояд. Ин нишондиҳанда соли гузашта 101,6 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба соли қаблӣ 53,5% зиёд мебошад.

«Амонатбонк» дар ғановати буҷети давлатӣ низ саҳми бориз дошта, пардохт шудани 84,9 млн. сомонӣ андозу пардохтҳои ҳатмӣ шаҳодати ин гуфта аст.

Боварии шаҳрвандон низ ба «Амонатбонк» тақвият ёфта, бақияи пасандозҳои шахсони ҳуқуқию воқеӣ 4,9 млрд. сомониро ташкил дод. Ҷоиз ба зикр аст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2021-ум 51,8% фузун аст. Месазад аз пасандозҳои аҳолӣ ёдовар шавем, ки зиёда аз 2 млрд. сомониро ташкил дода, дар қиёс ба соли 2021-ум 24,1% зиёд гардид.

Фоизҳои аз ҷониби «Амонатбонк» ба аҳолӣ пардохтгардида соли гузашта 73 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки ба боз ҳам беҳбуд ёфтани сатҳи зиндагии мардум то андозае мусоидат намуд.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

## САМИМИЯТИ МАСЪУЛИН ВА ҚАНОАТМАНДИИ ЖУРНАЛИСТОН

**Дар нишасти матбуотии Агентии «Тоҷикстандарт», ки сеюми феврали соли равон баргузор шуд, миёни журналистон ва роҳбарияти агентӣ муколамаи озоду ошкоро ва самимӣ сурат гирифт. Посуххои қаноатбахш гирифтани журналистон ба саволҳояшон аз огоҳии комил, фаъолияти пурмаҳсул ва омодагии ҷиддии директори Агентии «Тоҷикстандарт» Темурҷон Абдулваҳобзода ва муовинонаш шаҳодат медиҳад.**



Корманди рӯзнома вобаста ба антифриз, ки сардиҳои аввали соли равон пастсифат будани қисми зиёди чунин маҳсулотро ба маъраз гузошт, савол матраҳ кард. Ҳамзамон, ба сифати далел антифризи пастсифатро, ки бо номи «RAMZ» аз ҷониби соҳибкори инфиродӣ Аслиддини Қурбонхон истеҳсол мешавад, пешниҳод кард. Темурҷон Абдулваҳобзода мавҷудияти камбудии мазкурро эътироф намуда, аз тадбирҳои вобаста ба ин масъала андешидашуда чанд мисол овард. Маълум гардид, ки дар ин давра ба шарофати чораандешиҳои кормандони Агентии «Тоҷикстандарт» 485 литр антифриз ошкор ва нобуд карда шудааст

Дар нишаст зикр гардид, ки дар соли сипаригардида 2 миллиону 355 ҳазору 256 кило маҳсулоти ғизоии гуногуни пастсифат ба қайд гирифта шуда, аз он 1 миллиону 708 ҳазору 932 кило аз ҷиҳати бехатарӣ ва 646 ҳазору 324 кило аз рӯи тамғагузорӣ ба талабот ҷавобгӯ набуданд. Дар робита ба ин, нисбат ба воридкунандагону истеҳсолкунандагон, тибқи муқаррароти қонунгузорӣ, чораандешӣ шуд.

Дар озмоишгоҳҳои ташхисии маҳсулоти ғизоии Агентии «Тоҷикстандарт» аз рӯи сифату бехатарӣ ва тамғагузорӣ 34198 кило маҳсулоти гӯштӣ, 5925 кг равғани растанӣ, 7067 литр нӯшокиҳои спиртӣ, 1250 литр нӯшокиҳои ташнагишикан, 3355 кг маҳсулоти қаннодӣ, 279 кг маҳсулоти ширӣ, 740 кг қанд, наботу асал, 64342 дона тухми мурғ ғайристандартӣ дониста шудаанд.

Дар ин давра маҳсулоти ғайрихӯрокврии гуногун, аз ҷумла 8770 кг маводи шустушӯ, 14046 кг тамоку, 443 кг масолеҳи сохтмонӣ, 261 дона фурӯзонаки тафсон, 581 дона фурӯзонаки каммасраф, 8854 номгӯй маводи парфюмерӣ, 11920 кг селитра, 2684 дона бозича бо сабаби ҷавобгӯ набудан ба талаботи мавҷуда аз муомилот гирифта шуда, барои нобудсозӣ ё коркард ирсол гардиданд.

Зикр шуд, ки дар самти назорати бозори истеъмолӣ фаъолият тақвият ёфта, тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» то эълон гардидани мораторий аз тарафи нозироти савдо дар 1761 субъекти хоҷагидор санҷиш ва назорати қоидаҳои савдо гузаронида шуд.

Зимни саволу ҷавоб маълум гардид, ки дар давраи мавриди назар 57 нафар барои нақзи ҳуқуқи истеъмолиашон ба Агентии «Тоҷикстандарт» муроҷиат карданд. Масъулин дар робита ба ҳар як муроҷиат бетаъхир тадбирандешӣ намуда, муроҷиаткунандагон қаноатманд шуданд.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

## ДАР ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН КОРБАРИИ ЭЛЕКТРОНӢ ҶОРӢ ГАРДИД

**Дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур соли таҳсили 2022-2023 барои 53 ихтисос мутобиқи талаботи байналмилалӣ ва принсипҳои Болония барномаҳои нави таълимӣ таҳия шуд, ки Вазорати маориф ва илми кишвар онҳоро барои истифода дар раванди таълим иҷозат дод, - гуфт ректори донишгоҳ Маҳмадёрзода Усмон зимни нишасти матбуотӣ дуюми феврали соли ҷорӣ.**



Номбурда афзуд, ки ҷиҳати амалисозии ҳукумати электронӣ дар донишгоҳ фаъолият пурра электронӣ роҳандозӣ шуда, толори китобхонаи электронӣ аз ҳисоби шарикони рушд таъмир ва бо мизу курсӣ, моноблок ва дигар воситаҳои техникӣ таъмин гардид.

Ин муддат 37 чорабинии илмӣ, аз ҷумла конференсияҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ, илмӣ-амалӣ, суҳбатҳои гирди миз баргузор шуд. Донишҷӯёни донишгоҳ дар озмунҳои «Илм-фурӯғи маърифат», «Фурӯғи субҳи доной китоб аст», «Олими пурмаҳсул», «Нававари беҳтарин», «Донишҷӯи сол», «Беҳтарин ихтироот» ва амсоли инҳо фаъолона иштирок намуданд.

Ректори донишгоҳ зикр кард, ки донишгоҳ бо 125 ташкилот ва муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷи кишвар шартномаи ҳамкорӣ дорад.

Гуфта шуд, ки дар баробари пеш бурдани корҳои таълиму тарбия ва рисолаҳои пажӯҳишӣ раёсати донишгоҳ ба донишҷӯёни ятим, маъюб ва устодони барҷомонда пайваста кумаки моддӣ мерасонад.

Дар маҷмӯъ, роҳбарият, раёсат ва устодони донишгоҳ бо мақсади тарбияи мутахассисони хуби соҳаи кишоварзӣ дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кор қарор додаанд.

**ВОРИС, «Садои мардум»**

## ДДБ БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ. ХОБГОҲИ ДОНИШҶӮЁН СОХТА МЕШАВАД, АГАР...



**Ба суоли хабарнигори рӯзномаи «Садои мардум» перомуни бо хобгоҳ таъмин кардани донишҷӯён ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Сайфиддин Давлатзода зимни нишасти матбуотӣ, ки 3-юми феврали соли равон баргузор гардид, чунин посух дод:**

- Масъалаи таъмини донишҷӯён бо хобгоҳ ҳамеша дар меҳвари таваҷҷуҳи роҳбарияти донишгоҳ қарор дорад. Таҳия ва тасвиби санаду ҳуҷҷатҳои лозимӣ ҷиҳати сохтмони бинои ҳафтошёнаи хобгоҳ барои донишҷӯён ва бинои нуҳошёнаи манзили истиқоматӣ барои омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ дар баррасии ниҳодҳои дахлдори ҷумҳурӣ қарор дорад. Аллакай қитъаи замин барои бунёди хобгоҳ ҷудо гардидааст. Арзиши лоиҳавии иншоот 30 миллион сомониро дар бар мегирад. Лоиҳаи иншоотро барои маблағгузорӣ ба Кумитаи давлатии сармоягузории мамлакат пешниҳод кардаем. Дар натиҷаи пайдо гаштани шарик ҷиҳати сармоягузорӣ кардани 50 фоизи маблағ сохтмон шурӯъ хоҳад шуд. 50 фисади боқимонда аз ҳисоби донишгоҳ маблағгузорӣ мешавад. Умед дорем, ки ин мушкилот дар солҳои наздик ҳал мегардад.

Ба иттилои ректори донишгоҳ масъалаи бунёди хобгоҳ дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди пурсиш қарор гирифта, ба масъулон супориш дода шудааст, ки ҷиҳати оғози сохтмон чораҷӯӣ намоянд.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**



## 800 НАФАР ҚАРЗДОР ДАР ГУЗАРГОҲҲОИ САРҲАДӢ ДАСТГИР ШУДАНД

**Зимни нишасти матбуотӣ сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барно Саидвализода зикр кард, ки дар давраи ҳисоботӣ ба дастгоҳи марказии хадамот ва воҳидҳои сохтории он дар маҳалҳо 40 ҳазору 860 мавод ва арзу муроҷиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ вобаста ба масъалаҳои таъмини иҷрои санадҳои судӣ ва дигар санадҳои мақомоти давлатӣ ворид гардидааст.**

- Соли 2022 ба хадамот 11 ҳазору 636 истеҳсолоти иҷро оид ба ситонидани маблағи алимент ворид гардид, ки назар ба соли 2021-ум 1662 истеҳсолоти иҷро камтар мебошад. Бо тадбирҳои андешидаи хадамот ва мақомоти марбута, ки корро дар ин самт тақвият доданд, шумораи истеҳсолоти иҷро оид ба ситонидани алимент камтар гардид. Айни замон аз солҳои пешин дар маҷмӯъ, 94 ҳазору 934 ҳуҷҷати иҷро вобаста ба ситонидани маблағи алимент дар баррасии иҷрочиён мавриди иҷро қарор доранд. Аз ҷониби иҷрочиён ба манфиати модару кӯдак зиёда аз 39,9 млн. сомонӣ маблағи алимент ситонида шудааст, ки назар ба соли қаблӣ 18,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад, - гуфт Барно Саидвализода.

Бинобар барқасдона саркашӣ кардани қарздорон аз пардохти маблағи алимент нисбат ба 538 нафар қарздор тибқи талаботи моддаи 177 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди иҷрочиён аз ҷониби мақомоти прокуратура парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардидааст. Нисбат ба 398 нафар қарздор барои сари вақт напардохтани маблағи алимент ва пинҳон кардани суроғаи ҷои зисташон бо таъиноти суд ва қарори иҷрочиёни мақомоти иҷро кофтуков эълон шудааст.

Гуфта шуд, ки яке аз мушкилоти истеҳсолоти иҷро саркашӣ кардани падар аз супоридани маблағи алимент ба шумор меравад. Бинобар ин, хадамот дар ҳамбастагӣ бо шарикони рушд наворҳои иҷтимоии видеоӣ вобаста ба алимент ва оқибатҳои пардохт накардани он, инчунин феҳристи ягонаи қарздоронро омода намудаанд, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ пахш карда мешавад.

**Мафтунаи ҲИСОРӢ, «Садои мардум»**

## «ТОҶИКСУҒУРТА» ФАЪОЛИЯТРО БО ФОИДА ҶАМЪБАСТ КАРД



**Зимни нишасти матбуотӣ, ки сеюми феврали соли равон баргузор шуд, директори Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта» Шуҳрат Мақсудзода изҳор дошт, ки бо мақсади пурра ба суғурта фаро гирифтани ҳаёт, саломатӣ, масъулият ва молу амволи шахсони ҳуқуқию воқеӣ дар миқиёси ҷумҳурӣ 63 филиал ва 6 намояндагии корхона хизматрасониро аз рӯи 22 навъи суғурта, аз ҷумла 13 навъ суғуртаи ҳатмӣ ва 9 навъ суғуртаи ихтиёрӣ ба роҳ мондаанд.**

Бино ба гуфти ӯ, корхона соли 2022 бо шахсони ҳуқуқию воқеӣ, дар маҷмӯъ, 565 ҳазору 922 шартномаи суғуртавӣ ба имзо расонидааст. Аз ҳисоби шартномаҳои басташуда ба корхона 40 миллиону 838 ҳазор сомонӣ маблағ ворид гардида, иҷрои нақшаи солона 125,3 фоиз таъмин карда шуд. Зикр гардид, ки КВД «Тоҷиксуғурта» соли 2022 ба шахсони ҳуқуқию воқеии ба молу амвол ва ҳаёту саломатиашон зараррасида 5 миллиону 878 ҳазор сомонӣ маблағи суғуртавӣ пардохт кардаст, ки нисбат ба соли 2021-ум 350 ҳазор сомонӣ ё 5,6 фоиз кам мебошад.

- Дар ин давра корхона ба буҷет 6 миллиону 766 ҳазору 400 сомонӣ пардохт намуд, ки нисбат ба соли 2021-ум 317 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Аз маблағҳои умумии пардохтшуда 2 миллиону 931 ҳазор сомониро андозҳо, 3 миллиону 497 ҳазору 400 сомониро пардохтҳои ҳатмии ба буҷет ирсолшаванда ташкил доданд. Бо андешидани чораҳои судманд дар самти кам кардани хароҷоти дуюмдараҷа ва бемаврид, натиҷаи фаъолияти молиявии корхона соли 2022 ба маблағи 3 миллиону 338 ҳазор сомонӣ бо фоида ҷамъбаст карда шуд, - зикр кард Шуҳрат Мақсудзода.

**Фарҳунда АБДУЛҲАКИМОВА, «Садои мардум»**

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ

## ОН БА СУРЪАТИ ИНТЕРНЕТУ ХИЗМАТРАСОНИИ СОҲАИ АЛОҚА НИЗ ВОБАСТА АСТ

**«Ҳоло дар кишвар шумораи муштариёни интернет ба 4,5 миллион расидааст, ки ба 100 нафар аҳолӣ 45 муштарӣ рост меояд. Вале таъкид менамоям, ки суръат ва арзиши интернет ҳанӯз қонеъкунанда нест».**

**Аз Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (23-юми декабри соли 2022)**



Мувофиқи маълумоти дастрас, суръати интернет дар кишварҳои Осиёи Марказӣ чунин аст: Қазоқистон (62,04 Мбит дар як сония), Қирғизистон (50,64 Мбит дар як сония), Ӯзбекистон (46,94 Мбит дар як сония), Тоҷикистон (32,96 Мбит дар як сония) ва Туркманистон (3,91 Мбит дар як сония). Ин рақамҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки хизматрасонии интернет дар вазъи чандон хуб қарор надорад. Ин дар ҳолест, ки даромади умумии корхонаҳои зерсохтори Хадамоти алоқа ва операторону провайдерони хусусӣ дар нимсолаи аввали соли 2022- юм 1 миллиарду 660 миллиону 508 ҳазору 723 сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба нимсолаи аввали соли қаблӣ ба 114,2 фоиз баробар мебошад. Яъне, сол аз сол сокинон барои алоқа ва интернет пули зиёд харҷ мекунанд, вале ҳамоно хизматрасонӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Дар матлаби зер кӯшиш кардем, ки ба ин саволҳо посух гӯем: Сифати пасти интернет кадом мушкилотро эҷод мекунад? Мо ба чунин суръати интернет чӣ гуна ба ҷангҳои иттилоотӣ посух мегӯем? Чӣ гуна метавон амнияти иттилоотиро таъмин намуд? Таъкидҳои Президенти мамлакат дар Паёмашон вобаста ба сифати хизматрасонии соҳаи алоқа бозгӯи кадом мушкилот аст?

### ҲОЛАТИ ИНТЕРНЕТ

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба масъалаи муҳимияти суръати интернет ва беҳтарсозии сатҳи хизматрасонии соҳа ишора карда, аз ҷумла, таъкид карданд: «Рушди соҳаи алоқа, бахусус, таъмин намудани суръати баланди интернет ва дастрас будани нархи он барои рушди иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, таъмин намудани амнияти иттилоотӣ, ҷалби сармоя ва ташкили паркҳои технологиву инноватсионӣ, зарур мебошад».

Эътироф бояд кард, ки дар айни замон тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии аҳолӣ ба интернет вобаста аст ва рушди яке бе рушди дигаре қариб, ки имконнопазир мебошад. Мутаассифона, ба соҳаи алоқа ба таври бояду шояд таваҷҷуҳ зоҳир намекунем.

Тибқи иттилои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шумораи умумии симкорти истифодабарандагони алоқаи мобилӣ 7 миллиону 943 ҳазору 309 ададро ташкил медиҳад, ки 5 миллиону 460 ҳазору 504 муштариёни фаъол мебошанд. Ҳамчунин, 45 фоизи шумораи умумии аҳолии кишвар корбари интернет ҳастанд, вале аксари онҳо аз сатҳи хизматрасонӣ норозиянд.

Мутаассифона, аксар корбарони интернет аз суръати пасти он дар кишвар шикоят мекунанд, вале ин масъала ҳанӯз ҳалталаб боқӣ мондааст.

Ҳамчунин, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём масъулини Хадамоти алоқаро вазифадор карданд, ки якҷо бо ширкатҳои дар соҳа фаъолияткунанда барои беҳтар кардани сифати хизматрасониҳо, паст кардани арзиши хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва интернет ва дастрас гардонидани интернети баландсуръат дар тамоми минтақаҳои кишвар, аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои дурдаст, тадбирҳои заруриро андешанд.

Мутаассифона, дар ҷомеаи мо ҳеҷ вақт шабакаҳои иҷтимоӣ арзиши хизматрасониҳоро паст намекунанд, балки сари ҳар чанд вақт ҳатто хизматрасонии тарофавиро низ баланд мебардоранд.

### ХАДАМОТИ АЛОҚА ТАСДИҚ КАРД, КИ МУШКИЛ ВУҶУД ДОРАД

30-юми январи соли ҷорӣ зимни нишасти матбуотӣ муовини раиси Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Илҳомҷон Атоев гуфт, ки дар ҳақиқат сатҳу сифати интернети мобилӣ дар кишвар нисбатан паст аст.

Илҳомҷон Атоев афзуд, ки барои баррасии нарх ва суръати интернет ситод таъсис додаанд, ки умед аст сатҳу сифати он беҳтар гардад.

«Мутахассисон ва ширкатҳои мобилӣ вазифадор шудаанд, пойгоҳҳоеро, ки муштариро бо низоми интернети мобилӣ пайваст мекунад, зиёд кунанд. Пеши роҳи худсарона хомӯш кардан ё канда гирифтани пойгоҳҳо низ гирифта шавад», - илова кард ӯ.

Инчунин, ӯ зикр кард, ки дар бораи нархи интернет корҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва технологӣ ба роҳ монда шуда, он рӯзҳои наздик амалӣ хоҳад шуд.

### ҶАНГҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА СУРЪАТИ ИНТЕРНЕТ

Таъмини амнияти иттилоотӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва дар шароити мо мушкил маҳсуб меёбад. Муҳим ба он хотир аст, ки амнияти иттилоотӣ як шохаи муҳими амнияти миллист. Мушкил бо он сабаб аст, ки бинобар хизматрасонии на он қадар хуби соҳаи алоқа на ҳамеша имкон дорем онро таъмин намоем.

Тавре сардори Раёсати Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зубайдулло Давлатов гуфт, муҳимтарин омили таъмини амнияти иттилоотӣ он аст, ки бояд воситаҳои ахбори омма моҳияти рӯйдодҳои дорои аҳамияти ҷумҳуриявию байналмилалии сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро дар сатҳи баланди касбият ба ҷомеа расонад.

- Агар сатҳи воситаҳои ахбори омма баланд бардошта шавад, шиддати таъсири ҳар гуна иттилооти беасос ва бардурӯғ дар расонаҳои манфиатхоҳ ва шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби ташкилотҳои террористию ифротгаро ва ҷонибҳои манфиатхоҳ метавонад камтар гардад. Чунки табиати инсон чунин аст, ки ба иттилои аввал дарёфтнамуда бештар эътимод пайдо мекунад. Эътимод ва боварӣ ба иттилооти расонаҳои расмӣ моҳиятан эътимод ва бовариро ба мақомот ва Ҳукумат бештар месозад, - афзуд ӯ.

Тезонидани суръати кор (равон кардани иттилоот)-и сарчашмаҳои иттилоъ, дар пахши матлаб аввал будани расонаҳо, ба афкори омма таъсир расонидани матолиби журналистӣ ва аз дурӯғпароканиҳо эмин мондани аудитория ҳамеша ва дар ҳама ҳолат ба суръати интернет рабт дорад. Бо ин мушкилот борҳо рӯ ба рӯ шудем, аммо… Ҳатто суръати интернети идораву корхонаҳои муҳим ҳам ба таври бояду шояд дастрас нест ва баъзан мефаҳмем, ки аз сабаби суръати пасти интернет ба «Zoom» пайваст шуда намешавад.

Дар ин маврид ҳамсуҳбати мо илова намуд, ки барои таъмини амнияти иттилоотии ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, бояд ба рушди воситаҳои ахбори омма мусоидат кард ва фазои холии иттилоотиро дар кишвар пур сохт.

Охири моҳи сентябри соли гузашта бинобар ноором ии вазъ дар сарҳад бо Ҷумҳурии Қирғизистон фаъолони ҳар ду кишвар иштирокчии муборизаҳои иттилоотӣ буданд, вале дар он айём суръати интернет паст буд, ки аз корбари одӣ то блогерону нафарони маъруф шикоят доштанд.

Ин ҳама ба он ишора мекунад, ки бояд сари масъалаи беҳтар сохтани сатҳу сифати хизматрасонии соҳаи алоқа андеша кунем ва мушкилоти мавҷударо ҳал намоем.

Ҳамчунин, Зубайдулло Давлатов пешниҳод намуд, ки ислоҳоти соҳаи иттилоотии мамлакат баҳри таъмину тақвияти амнияти иттилоотӣ пеш гирифта шавад.

- Манзурам ислоҳоти кадрӣ, мафкуравӣ, техникӣ ва илмию идеологии тамоми сохтори иттилоотии ҷумҳурист. Ин ислоҳот барои миёнамуҳлат бояд барномарезӣ шавад. Ҷалби олимони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, мутахассисони варзидаи техникӣ, собиқадорони соҳа, ташкили институти такмили ихтисоси соҳаи иттилоот танҳо ба манфиати кор аст, - иброз дошт ӯ.

### БА ҶОИ ХУЛОСА

Одат кардаем, ки то барои ҳалли хурдтарин мушкиламон Сарвари давлат дахолат накунанд, масъулин аз пайи ҳалли он намешавад. Чун солҳои зиёд дар бораи суръати сусти интернет ва хизматрасонии пасти масъулини соҳа гуфта мешавад, ба гӯши мутасаддиён намерасад.

Агар ҳадди ақал суръати интернет дар сатҳи минтақа баланд шавад, бешак метавон гуфт, ки ба рушди дигар соҳаҳои ҳаётан муҳим ҳам шоҳид мешавем. Аз ҷумла, иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, рушди барномасозӣ, рушди журналистика, таъмини амнияти иттилоотӣ ва ғолибият дар муборизаҳои иттилоотӣ.

**Ҳафизуллоҳ ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

# БАРНОМАИ «ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН» ВА ТАРҒИБИ БАШАРДӮСТӢ

**Рисолати ҳар расона аз аввал дар баробари бозтоби масоили гуногуни ҷомеа, таҳлилу баррасии мушкилот, ташаккули ҳисси инсонпарварию башардӯстӣ дар ниҳоду сиришти мухотабон аст.**




Барномаи таҳлиливу сиёсии «Тоҷикистон ва ҷаҳон»-и Телевизиони Тоҷикистон низ дифоъ аз ҳуқуқу озодиҳои инсон, маҳкумияти ҷангу хунрезӣ, дӯстию ҳамзистии мусолиматомез, тарғиби ҳисси инсонпарварӣ ва ҳадафҳое амсоли инҳоро меҳвар қарор додааст. Аз ҳар зовия ба масъалаҳои баррасишаванда дар барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» бо муаллифии Фатҳиддин Замон нигарем, ниҳоятан маҳаки он дифоъ аз ҳуқуқи башар ва тарғиби инсоният иборат аст.

Масоиле аз қабили ҷангу нооромӣ, таъсири мушкилоти сиёсӣ ба ҳаёти кӯдакон, ба харобазор табдил ёфтани кишварҳои зери сояи ҷанг, рукуди иқтисодию иҷтимоии мамлакатҳои ҷангзада ва ҳамчунин бӯҳронҳои иқтисодию экологӣ ва терроризму экстремизми байналмилалӣ густурда баррасӣ мешаванд.

Шоҳидем, ки дар ҷаҳони муосир ҳуқуқи башар зери ҳадафҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғайра бо дағалона вайрон кардани асосҳои байналмилалии озодиҳои инсон поймол мешавад. Бо ин тарзи бозтоби масоили гуногун муаллифи барнома ба амалҳои ғайриинсонӣ вокуниши нарм, вале касбию ҳадафрас иброз дошта, аз ҷониби дигар рушду пешрафти кишвари азизамонро бо баррасии масоили гуногун ҳамчун нишони риояи қонун ва ваҳдату иттиҳоди миллӣ барои бинанда ошкор месозад. Шиори барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» - «Иттиҳоди мо қудрати мост» далели ин гуфта мебошад.

Ҳамчунин, дар барномаи мазкур ташаббусҳои ҷаҳонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавзӯи обу иқлим ва терроризму экстремизм шарҳу тавзеҳ дода мешавад.

Аз ин лиҳоз, бисёр дақиқ ва моҳирона маҳкум кардани поймолсозии озодиҳои фитрии башар, ки дар барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» ифода меёбад, аз ҷаҳони ботинӣ ва инсонмеҳвар андеша кардани муаллифи барнома башорат медиҳад. Дарвоқеъ, донишу маҳорати журналист асоси сатҳи баррасии масоили баррасишавандаро нишон медиҳад, ки хушбахтона, муаллиф бо донишу ҷаҳонбинии фарох, забондонӣ ва тарзу усули махсус барномаашро омодаву пахш мекунад.

Бо гузашти 11 сол аз таъсиси барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» масъалаҳои зиёди сиёсати ҷаҳонӣ, ифротгароиву терроризм, обу иқлим, демография, ҷомеашиносӣ, география ва ғайра баррасӣ шуда, муаллиф ба илму маорифи дунявӣ ва рушди техникаву технология таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда, бахшҳои гуногуни барномааш дар донишгоҳу донишкадаҳо ва муассисаҳои таълимӣ дар ҳузури омӯзгорону донишҷӯён ба намоиш гузошта шуд.

**Фирдавси НИЗОМ, номзади илми филология**

**Соли 2022 нақшаи андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ дар ноҳияи Муъминобод 102,7 фоиз иҷро гардида, ба буҷет 20 миллиону 673 ҳазору 555 сомонӣ ворид шуд.**

Тавре сардори Нозироти андози ноҳия Абдуқаҳҳорзода Меҳроҷ изҳор дошт, то якуми январи соли 2022 бақияпулиҳои андоз дар ноҳияи Муъминобод беш аз ду миллион сомониро ташкил медод. Бо мақсади кам кардани онҳо дар ин давра як қатор корҳо анҷом дода шуда, ин нишондиҳанда беш аз 148 ҳазор сомонӣ кам гардид.

# МУЪМИНОБОД: НАҚШАИ АНДОЗ 102 ФОИЗ ИҶРО ГАРДИД




Дар ноҳия 326 соҳибкори инфиродӣ тибқи патент, 165 соҳибкор бо шаҳодатнома, 457 шахси ҳуқуқӣ ва 4760 хоҷагии деҳқонӣ фаъолият мекунанд.

Ҷиҳати маҷбуран ситонидани бақияпулиҳои қарзи андоз аз тарафи мутахассисони Нозироти андози ноҳия чораҳои таъсирбахш андешида, ба суроғаи 1034 андозсупоранда ба маблағи 2 миллиону 82 ҳазору 737 сомонӣ огоҳӣ ирсол шуд.

Иттилоъ гирифтем, ки нисбат ба 191 андозсупоранда ба маблағи 1 миллиону 435 ҳазору 700 сомонӣ қарор қабул гардида, аз ин ҳисоб 935 ҳазору 700 сомонӣ ба буҷети давлатӣ ворид гардид. Нисбат ба 55 андозсупорандаи дигар ба маблағи 105 ҳазору 874 сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуда, аз ин ҳисоб 74074 сомонӣ ситонида шуд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

Нигаронӣ

**Тавре огоҳем, соли 2021 пешниҳоди Тоҷикистон ҷиҳати дар доираи Феҳристи ҷашнвораҳои муҳим (солҳои 2022 - 2023) таҷлил намудани 2500 - солагии яке аз мавзеъҳои таърихии кишвар -Тахти Сангин аз ҷониби ЮНЕСКО ҷонибдорӣ ёфт. Ҷашни мазкур имсол таҷлил мегардад, ки он аз рӯйдодҳои муҳими фарҳангии сол хоҳад буд.**

### ЁДГОРИЕ, КИ ДАР БОРААШ КАМ МЕДОНЕМ

Тахти Сангин, ки дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон, наздикии сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ҷойгир аст, аз нодиртарин ёдгориҳои замони тоисломии Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Аз арк, истеҳком ва маҳали шаҳрнишин иборат аст. Ин мавзеъ миёни мардум бо «Дафинаи Амударё» ё «Хазинаи Окс», ки аз 1300 тангаву зарфҳои дигари нуқрагину зарандуд иборат асту ҳоло Осорхонаи марказии Лондонро зеб медиҳад, машҳур мебошад. Чӣ гуна рабудани хазина ва чӣ тавр ба осорхонаи ин шаҳр роҳ ёфтани он мавзӯи баҳси ҷудогона мебошад, аммо ғановати мавзеъ танҳо ин хазина нест. Тахти Коршиносон дар қисмати поёнии биноҳо, росткунҷаҳои аз санг сохташуда ва паҳлуи онҳо сӯрохӣ мушоҳида намуданд. Ба гуфти бостоншиносон, ин сӯрохиҳо бар асари истифодаи дарозмуддати оташ пайдо шудаанд. Аз поёни ин қабат анбори хӯрок ва устохонаи давраи Юнону Бохтар пайдо гардид.

Миёни бозёфт пораи санге мавҷуд аст, ки рӯи он матни бохтарии давраи Кӯшониён маҳфуз мондааст. Ин навиштаро, ки тақрибан ба асри I пеш аз милод рост меояд, бостоншиносон нодир арзёбӣ мекунанд.

Бино ба иттилои роҳбари экспедитсия Тура Хуҷагелдиев, бозёфти ҷолиби дигари экспедитсия ин марқад аст.

- Онро аз соҳили дарёи Ому кашф кардем. Ин аввалин гӯрхона мебошад, ки дар ҳудуди ёдгорӣ ёфт шуд, аммо ба кадом давраи таърихӣ тааллуқ доштанаш ҳоло муайян нашудааст. Ба ин хотир ба озмоишгоҳи Донишгоҳи шаҳри Орхуси Дания баъзе маълумотро фиристодем, ки натиҷаҳои он ояндаи наздик муайян хоҳад шуд, - гуфт Т. Хуҷагелдиев.

Ашёҳои дигари ёфтшудаи сафолин, оҳанин, сангину шишагин, шадда ва ҳалқаҳои биринҷӣ аз ҳунармандии гузаштагонамон гувоҳӣ медиҳанд.

# ТАХТИ САНГИН

## Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаббус зоҳир намуданд, аммо масъулин саҳлангоранд



Сангин маъбад, иншооти шоҳонаи замони Искандари Мақдунӣ ва садҳо далели дигари ҷолиби таърихро маҳфуз медорад, ки ҳам гувоҳи аз азал тамаддунофар будани миллати мо ва шаҳодати арзиши башарӣ доштани ёдгорӣ мебошанд. Вале аз ин махсусият бештар муаррихон огоҳанд. Мутаассифона, мо - хоса насли ҷавон бинобар кам тарғиб шудан ё майл надоштан ба таърих дар ин маврид камтар медонем ё чизе намедонем.

### АҲАМИЯТИ ҶАҲОНИИ ТАХТИ САНГИН

Омӯзиши ёдгорӣ солҳои 70-уми асри гузашта оғоз шуд, ки ин Экспедитсияи бостоншиносии ҷанубии Тоҷикистон ном дорад. Роҳбари экспедитсия Борис Анатолевич Литвинский буд. Баъдан, ба гурӯҳ И. Пичикян ҳамроҳ шуд ва онҳо солҳои тӯлонӣ дар ин мавзеъ корҳои ҳафриётӣ гузаронданд. Бостоншиносон дар ин ҳудуд се қабати зиндагии инсонҳоро пайдо намудаанд, ки ҳар кадом бозгӯйи давраҳои гуногуни давлатдорӣ ва таърихӣ мебошанд. Қабати қадимааш ба асрҳои VI - V (пеш аз мелод) рост меояд, ки ин замони давлатдории Ҳахоманишиён аст. Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ, давлатдории Ҳахоманишиён аз ҷониби империяи Юнону мақдуниҳо забт ва дар ҳудуди Осиёи Марказӣ давлати пуриқтидоре бо номи Селевкиён ва Юнону Бохтар пайдо мешавад. Баъдан, ин давлат аз ҷониби Кӯшониён фурӯ пошид. Бостоншиносон собит намуданд, ки ин мавзеъ на танҳо таҷассумгари миллати тамаддунофари мо - тоҷикон мебошад, балки дар пайдоиш ва инкишофи тамаддуни башар нақши мондагор дорад. Ин далел аз лиҳози илмӣ собитшудае мебошад, ки мо онро бояд донем ва ҳифз намоем.

Насрулло Убайдулло, директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон масъаларо чунин шарҳ дод: «Ҳудуди Тахти Сангин ниҳоят калон аст. Бостоншиносон зимни корҳои ҳафриётӣ аз ин мавзеъ маводи замони тоисломӣ, тоюнонӣ ва ҳам юнонӣ пайдо намуданд. Баъд аз он ки Искандари Мақдунӣ Осиёи Марказиро забт намуд, ин ҷо як муддат тамаддуне пайдо шуд, ки эленистӣ (маданияти омехта) номаш мебаранд. Яъне, тамаддуне, ки дар натиҷаи омезиши фарҳанги Ғарбу Шарқ ба вуҷуд омадааст ва аҳамияти ҷаҳонии мавзеъ низ маҳз дар ҳамин таҷассум ёфта, он инъикосгари омезиши ду фарҳанг мебошад».

### ҲАФРИЁТИ ОХИР ЧӢ НАТИҶА ДОД?

Тобистони соли сипаришуда кормандони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар ҳудуди ёдгорӣ корҳои ҳафриётӣ гузарониданд. Ҷойи ҳафриёт байни маъбад ва дарё интихоб гардид. Бостоншиносон дар қабати болоӣ иншооти замони Кӯшониёнро пайдо карда, давраҳои гуногуни зиндагии одамонро маълум намуданд. Манзилҳои васеи кашфшуда, ки қад-қади деворҳои он суфаҳо сохтаву гаҷмолӣ шудаанд, унсурҳои меъморӣ ва тарзи зиндагии гузаштагони моро возеҳ месозад.

### ТО ҶАШН ФУРСАТ АНДАК АСТ…

Пос доштани арзишҳои ниёкон ва ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани он кори чандон саҳл нест, бо вуҷуди ин, ба ташаббус ва роҳнамоиҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонистем, баъзе аз ёдгориҳои таърихиамонро дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ ва ҳимоя намоем. Аз ҷумла, ин муддат шаҳраки Саразм ба Феҳристи мероси фарҳангии ЮНЕСКО шомил ва соли 2020-ум 5500-солагии он дар доираи ҷашнвораҳои ЮНЕСКО таҷлил гардид. Иқдоми ҷашнгирии 2500 - солагии Тахти Сангин идомаи мантиқии ибтикороти дурандешонаи Сарвари фарҳангпарвари Тоҷикистон маҳсуб меёбад, ки боиси фараҳмандӣ ва ифтихори ҳар яки мо мебошад. Вале дар ҳамовозӣ ба ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оё масъулони дигар, хоса Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён, Вазорати фарҳанг, Кумитаи рушди сайёҳӣ, кори чашмрас анҷом доданд?

Мурод аз таҷлили солгарди мавзеъ, агар аз як ҷониб, муаррифии миллат дар сатҳи ҷаҳон бошад, аз ҷониби дигар, ҳифзи ёдгорӣ ва ба ин роҳ ҷалб намудани сайёҳони хориҷӣ ба кишвар аст. Варақаҳои иттилоотӣ, барномаҳои гуногуни радиову телевизион, ки бо забонҳои тоҷикиву ғайр пешкаши мардум мегарданд, албатта, ҷиҳати муаррифии ёдгорӣ муфид мебошанд, аммо дар ин самт корҳои муҳимтар анҷом бояд дод.

Дар ҳудуди ин мавзеъ Маъбади Окс мавриди таҳқиқи бештар қарор гирифта, дар ин бора се ҷилд китоб ҳам таълиф шудааст. Дар маҷмӯъ, то имрӯз бостоншиносон зимни корҳои ҳафриётӣ беш аз 12 ҳазор ашёи гуногуни тилло, нуқра, биринҷ, оҳан, оҷ (устухони фил), шиша, санг, гаҷ, гил пайдо карда бошанд ҳам, аммо худуди шаҳристони Тахти Сангин пурра таҳқиқ нагардидааст. Медонем, ки барои комил омӯхтани мавзеъ солиёни зиёд лозим аст, аммо ба ҳар сурат интизор будем баъди ба Феҳристи ҷашнвораҳои муҳими ЮНЕСКО шомил шудан, корҳои ҳафриётӣ - омӯзишӣ дар ин мавзеъ лоақал вусъат меёбанд, аммо чунин нашуд. То имрӯз дар ёдгорӣ танҳо як экспедитсияи илмӣ (шунидам, ки моҳи апрел корҳои ҳафриётӣ дар мавзеъ идома меёбанд) анҷом пазируфтааст.

Бо он арзишҳои махсуси фарҳангиву башарие, ки ёдгорӣ дорад, аз муҳимтарин мавзеи тамошогоҳи сайёҳон арзёбӣ мешавад. Аммо то ёдгорӣ ҳатто роҳи дурусту ҳамвор ҳам надорем. Агар медоштем ҳам, ба сайёҳон дар ин ҳудуд чизи қобили таваҷҷуҳ манзур дошта наметавонем, зеро он ҳанӯз ба шеваи сангтӯдаву хоктӯда боқӣ мондаву интизори ободгарист.

Аз замони ба Феҳристи ҷашнвораҳои муҳими ЮНЕСКО шомил шудани солгарди Тахти Сангин беш аз як сол сипарӣ шуд ва барои анҷом додани чунин корҳои ҳам барои ёдгорӣ ва ҳам таърих муфид ин муддатро аз даст додем. То ҷашн фурсат андак аст. Дар ин муддат чӣ корҳо анҷом мепазиранд, вақт нишон хоҳад дод.

**Фарзонаи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

Маслиҳати мутахассис

# ДАРАХТЕ БИПАРВАР, КИ БОР ОВАРАД

**Дар Тоҷикистон ниҳолнишонӣ ба маъракаи оммавӣ табдил ёфта, бо истифода аз ҳавои мусоид дар шаҳру деҳоти кишвар мардум ниҳолҳои мевадиҳандаю ороишӣ ва гулҳои гуногун шинонда, боғҳои нав бунёд мекунанд. Доктори илмҳои кишоварзӣ Ҳикматулло Назиров зимни мусоҳиба бо хабарнигорамон ба боғдорону токпарварон ва ҳама онҳое, ки ба кори хайри ниҳолшинонӣ машғул мешаванд, маслиҳатҳои муфид дод.**

**- Мавсими ниҳолшинонӣ кадом моҳҳоро дар бар мегирад?**

- Дар шароити Тоҷикистон вобаста ба ҷойгиршавии минтақаҳо аз сатҳи баҳр муҳлати шинонидани ниҳолҳо гуногун аст. Дар водиҳо ин кор баробари баанҷомрасии хазонрез, охирҳои моҳи ноябр оғоз гардида, ба ғайр аз рӯзҳои сард ва яхбандӣ, то нимаи дуюми моҳи март давом мекунад. Дар минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ (дар баландиҳои аз 1200 метр боло аз сатҳи баҳр) шинонидани ниҳол аз охири моҳи феврал оғоз ёфта, то аввалҳои моҳи апрел идома меёбад.



Иқлими хоки ҷумҳурӣ ба парвариши қариб ҳама навъи дарахтони мевадиҳанда мувофиқ аст. Аз ин хотир имкониятҳои мувофиқ ва қоидаҳои мавҷудаи боғдориро бояд истифода бурд. Пеш аз бунёди боғ интихоби дурусти замин (аҳамият додан ба релефи замин, ба ҳамворӣ, нишебиҳо ва талу теппаҳои он) шарти асосӣ ва муҳим мебошад

Дар замини обӣ обёрикунии онро низ ба назар гирифтан зарур аст. Ниҳолҳоро пеш аз шинонидан дар ҷое, ки аз омехтаи поруи чорво ва хок шарбатоб тайёр шудааст, ба муҳлати на кам аз 3-4 соат нигоҳ медоранд. Шарбатобро чунин тайёр кардан мумкин аст: се ҳисса поруи нави чорво, як ҳисса хок ва панҷ - шаш ҳисса об. Ба назар гирифтан зарур аст, ки баробари аз шарбатоб гирифтани ниҳол он бояд зуд дар чуқурчаҳои тайёркардашуда шинонида шавад, чунки муддати зиёд дар ҳавои кушод нигоҳ доштани онҳо ба хушкшавии шарбати дар реша буда ва мӯякрешачаҳо оварда мерасонад. Риояи чунин амал сабзиши хуби ниҳолҳоро таъмин мекунад. Ниҳолҳоро ба муҳлати як шабонарӯз низ дар шарбатоб нигоҳ доштан мумкин аст. Амали дигаре, ки иҷрои он аз аҳамият холӣ нест, ба назар гирифтани қисми пайвандшудаи гарданаки реша ҳангоми ниҳолшинонӣ мебошад.

Ниҳолро тарзе бояд шинонд, ки қисми пайвандшудаи он аз қабати болоии хок на кам аз 3 - 4 см боло бошад. Дар сурати риоя накардани ин амал ниҳол хушк мешавад. Ҳангоми лой будани замин ва ё аз ҳад баланд будани намии хок шинонидани ниҳолҳо тавсия дода намешавад. Пас аз шинонидани ниҳолҳо навдаҳои онҳоро ба андозаи 60-70 см аз сатҳи хок боло мебуранд.

**-Интихоби дурусти ниҳол низ аҳамият дорад?**

-Бале. Интихоби ниҳол масъалаи муҳим аст. Ҳангоми интихоб ба талаботи стандартӣ ҷавобгӯ будани он, яъне қади он на кам аз 150 см ва системаи решааш на кам аз 3 поя бо мӯякрешаҳо бояд ба назар гирифта шавад. Дигар ҷузъи муҳиме, ки донистамон зарур аст, интихоби дурусти навъҳои ба минтақа мувофиқ мебошад, зеро ояндаи боғ, ҳосилнокӣ ва нашъунамои он ба шароити маҳал вобастагии зич дорад.

Барои шинондани ниҳолҳои дарахтони мевадиҳанда чуқуричаҳо дар андоза ва чуқурии 0,5-0,6 метр тайёр мешаванд. Дар заминҳои, ки зичии хокашон баланд аст, бояд андозаи чуқурчаҳо на кам аз 0,3-0,4 метрро ташкил диҳад. Ин корро бояд дар фасли тирамоҳ анҷом дод. Баробари тайёр кардани чуқуричаҳо дар ҳар яки онҳо нурии органикӣ (поруи куҳна) ба миқдори як кило андохта мешавад. Ҳангоми кандани чуқуричаҳо бояд ба он аҳамият дода шавад, ки қисми ҳосилхези хок алоҳида ва қисми мобайнии он алоҳида дар гирду атрофи чуқуричаҳои кандашуда партофта шаванд ва дар вақти шинонидани ниҳол чуқуричаҳо аввал бо хоки ҳосилхез ва баъд бо қисми мобайнию поёнии хок пур карда шаванд.

Дар шароити Тоҷикистон истифодаи нуриҳои органикӣ ҳангоми шинонидани ниҳолҳо ба сабзиш ва зуд самар додани онҳо мусоидат мекунад, лекин фаромӯш набояд кард, ки аз меъёр зиёд истифодаи он тавсия дода намешавад, зеро он ба пӯсиши реша оварда мерасонад. Истифодаи поруи нав ҳангоми ниҳолшинонӣ тавсия дода намешавад.

**- Дар зимистон ба боғу токзор яхоб мемонанд. Ин амал чӣ аҳамият дорад?**

- Таҷрибаҳои гузаронидаи олимон дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ нишон дод, ки аз ҳамбастагии яхобмонӣ бо обмонии давраи нашъунамо, ҳосилнокии боғҳои себ 70-100 фоиз, олу-50-60, олуболу 60-80 ва зардолу 90-100 фоиз зиёд мегардад. Дар баробари ин, устувории дарахтон ба сардии ҳавои зимистон низ баланд мегардад. Аз тарафи дигар, яхобмонӣ ҳангоми сард омадани зимистон ба маҳвшавии тухмӣ ва зочаи як қатор зараррасонҳои боғу токзор мусоидат мекунад. Яхобро пас аз хазонрезии дарахтон дар моҳҳои декабр - феврал бо меъёри 1000 - 1300м³ ду маротиба додан зарур аст. Меъёр ва миқдори яхобмонӣ ба намнокии хоки майдон, тагпайванди дарахтон, сатҳи обҳои зеризаминӣ, сохтори хок вобаста аст. Пас аз шудгори байни қаторҳо нармкунии бехи ниҳолҳо, дар заминҳои гилхок дар масофаи 1,5-2 метр ва сабуки қумдор 70-100 см аз якдигар ҷӯяк кашида, сипас обро борик сар додан лозим аст. Давомнокии яхобмонӣ ба намгирии хок вобаста аст. Бинобар ин, пеш аз манъ кардани об ҳар ҷо-ҳар ҷо чуқуриҳо канда, намнокшавии хокро бояд санҷид. Дар қитъаҳое, ки оби зеризаминӣ чуқур ҷойгир аст, то ду метр чуқурии намнокии хок то дараҷаи намғунҷоиши камтарин 70-75 фоиз таъмин шавад. Яхобмонӣ низ монанди обмонии баҳорӣ бояд муътадил бошад, чунки аз ҳад зиёд шудани намнокӣ ба косташавии қобилияти обу ҳавогузаронии хок боис мегардад. Аз ин рӯ, дар водиҳо, ки иқлими муътадил доранд, фасли зимистон боғҳо аз оби зиёдатӣ бояд озод бошанд.

Дар заминҳое, ки сатҳи оби зеризаминиашон баланд аст, яхобмонӣ тавсия намешавад. Расидани оби полезӣ ба обҳои зеризаминӣ ба боло баромадани намакҳои мавҷуда боис мегардад, ки дар натиҷа ба хушкшавии дарахтону буттаҳо оварда мерасонад. Аҳамияти яхобмонӣ дар мавзеъҳои камоб дучанд аст. Бо роҳи яхобмонӣ деҳқон метавонад дар давраи зимистон намнокиро дар хок захира кунад ва ин оби захирашударо дарахтон дар фасли тобистон пурра истифода мебаранд. Барои захира кардани намии табиӣ дар заминҳои лалмӣ тавсия дода мешавад, ки байни қаторҳо ва бехи ниҳолҳою буттаҳоро аз нимаи дуюми тирамоҳ, пас аз боришоти аввалин, нарм кунанд. Ба таври уфуқӣ аз бехи дарахтон 50-60 см дуртар ҷӯякҳои чуқуриашон 25-30 см кашида ба бефоида ҷоришавии оби борон роҳ надиҳанд. Ҳангоми риоя кардан ва гузаронидани ин чорабинии агротехникӣ кишоварзон метавонанд самаранокии меҳнаташонро дучанд гардонанд.

**- Кадом вақт ба ниҳолҳо пайванд гузаронидан мумкин ва кадом усулҳои пайванди дарахтон мавҷуд аст?**

- Пайвандкунии дарахтон дар ду давра гузаронида мешавад: аввали баҳор (март-апрел) ва тобистон (июл-август). Аслан пайванд дар навниҳолҳо гузаронида мешавад. Чунки бофтаҳои танаи растаниҳои дупаллагӣ аз ҷиҳати ботаникӣ бо ҳам наздиканд ва ба туфайли фаъолияти камбия (пардаи байни тана ва пӯст) қобилияти бо якдигар сабзидан доранд. Пайванд ҳамчун усули зиёдкунӣ аз замонҳои қадим маълум аст. То ҳол зиёда аз 150 навъи гуногуни он истифода шудааст, ки онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: муғҷапайванд, пайванд бо қаламча ва ҷуфтпайванд.

**- Бисёр вақт чунин ҳолатҳое мешавад, ки дарахти зардолу, бодом, чормағз ва ғайра аз таъсири ҳавои гарми охири зимистон ба гулкунӣ сар мекунанд, вале бинобар сардиҳои аввали баҳор, боридани жола ва баъзан барф ҳосилро талаф медиҳанд. Оё барои ҳифзи чунин дарахтон илоҷ ҳаст?**

- Чунин ҳолат бисёр мушоҳида мешавад. Бо сабаби тағйир ёфтани иқлим ҳарорати ҳаво дар фасли зимистон баланд шуда, ба барвақт гул кардани дарахтон, алалхусус дарахтони донакдор-зардолу, шафтолу, олу, олуболу, гелос ва чормағз гардида, паст шудани ҳарорати ҳаво то 4-5⁰ С ба талафёбии пурра ё як қисми ҳосил оварда мерасонад. Дар чунин ҳолат боғдоронро зарур аст, ки барои ҳифзи дарахтон ҳамаи имкониятро истифода баранд, аз ҷумла ҳангоми хушк омадани фасли тирамоҳ бо оби захиравӣ таъмин намудани дарахтон ва дар фасли зимистон фурсати муносибро истифода бурда, яхобмониро ба роҳ мондан. Дар чунин ҳолатҳо дуд додани дарахтон низ аз тадбирҳое мебошанд, ки барои ҳифзи ҳосили дарахтон мусоидат мекунанд.

**- Баҳор наздик аст. Дар рӯзҳои баҳорӣ кадом тадбирҳоро, бояд амалӣ кард?**

- Коркарди баҳории боғу токзор идомаи коркарди зимистонаи онҳо мебошад. Он корҳое, ки дар давраи охири тирамоҳу зимистон анҷом дода нашуданд, ҳатман дар аввали баҳор, то кушодашавии муғҷаҳо бояд иҷро карда шаванд. Бо фарорасии фасли баҳор ҳаёти фаъолонаи ҳашароти зараррасон ва ангезандаҳои касалиҳои гуногун оғоз гардида, осебрасонии онҳо ба зироатҳои кишоварзӣ аён мегардад. То ба ҳол дар боғоти ҷумҳурӣ зиёда аз 60 навъи ҳашароти зараррасон ва 20 навъи касалиҳо ба қайд гирифта шудааст. Кирми меваи себ, тиллодумаки туркистонӣ, кирми шапалаки ноҷуфт, кирми шапалаки ҳалқагузор, гамбусаки почағафси зардолу, кирми мевахӯри олу, муғҷапечонак, ширинчаи сабз, ширинчаи хунин, сипарболаки калифорнӣ, сипарболаки бунафш, сипорболаки камоншакл, сипарболаки қалбакии ақоқиё (акатсия), канаҳо, кӯяи себ, гулхӯракҳо, пӯстлоххӯракҳо ва ғайра. Аз касалиҳои замбурӯғӣ - қутураки себ ва нок, обсӯзу пӯсиши мева (монолиоз), ордаки себ, саратони сиёҳ, саратони бактериявӣ, паҷмурдашавӣ ва ғайра аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Чорабиниҳо оид ба муҳофизати дарахтони мевадиҳанда аз ҳашароти зараррасон ва касалиҳо бояд маҷмуӣ бошанд, яъне ҳама омили ташкилӣ, агротехникӣ, механикӣ, биологӣ ва кимиёвӣ дар пайвастагӣ истифода гарданд, то ки инкишофи самараноки дарахтонро беҳтар кунанд, афзоиши зараррасонҳою ангезандаи касалиҳоро маҳдуд гардонанд.

**- Боғу токзорро чӣ тавр бояд аз касалиҳо ва ҳашароти зараррасон эмин дошт?**

- Пешгирии хисороти касалию зараррасонҳои дарахтони мевадиҳанда дар баҳор низ шакли маҷмӯӣ дошта, аз чорабиниҳои агротехникӣ, механикӣ ва кимиёвӣ иборат аст. Дар фасли баҳор, агар пас аз давраи ҷамъоварии ҳосил меваҳо пурра ҷамъ карда нашуда бошанд, баргҳо низ боқӣ монда ё баргҳои касал дар ягон ҷойи берун аз боғ сӯзонида нашуда бошад, ҳатман ин корҳоро ба анҷом бояд расонд. Сипас, байни қаторҳоро шудгор ва бехи ниҳолҳоро нарм кардан лозим. Шохабурии санитариро низ сари вақт гузаронидан ба манфиати кор аст. Дар ин давра бар зидди ҳашароти зараррасон, ки дар тарқиши пӯстлохи дарахтон, қисман дар навдаҳо (кирми шапалакӣ, абрешимресаки ҳалқагузор), баргҳо, зери хок тухм мегузорад ва зочаашон ҷойгир аст, истифодаи маводи химиявии «Актелик» 50 фоиз, «Апполо» 50, «Димилин» тавсия дода мешавад. Бар зидди касалиҳои замбурӯғӣ истифодаи фунгисидҳои «Браво 500 SC», «Квадрис 250 SC», «Курзат R 42 г/кг» самаранок аст.

Ҳама навъи заҳрдоруҳоро пеш аз кушодашавии муғҷаҳо ва пас аз гулшукуфӣ истифода бурдан мумкин аст. Пас аз гулшукуфӣ вобаста ба сатҳи афзоиши зарарасонҳо инсектасидҳо: «Актелик» 50 фоиз, «Апполо» 50 фоиз ва «Димилин»- ро баъди коркарди якум 15-20 рӯз такроран то 25-30 рӯз пеш аз пухтани мева истифода бояд кард.

Ҳангоми кор кардан бо заҳрхимикатҳо бояд либосҳои алоҳидаи муҳофизатӣ - халат, комбизон, респераторҳо ё бинимаҳкамкунакҳои аз пахтаю дока тайёркардашуда, дастпӯшакҳои резиниро истифода бурда, пагоҳӣ ва бегоҳӣ маҳсулоти шириро истеъмол кардан зарур аст.

Барои маҳв кардани замбурӯғҳо, баъзе ҳашароти зараррасон ва пешгирӣ кардани касалии офтобсӯз дар аввали баҳор бо оҳак сафедкунии танаи дарахтон тавсия мешавад. Агар зимни сафед кардани пояи дарахтон ва қисми поёнии шохҳои асосӣ якчанд маротиба бо оҳакоб даҳани фаранг илова карда шавад, чӯбхӯракҳо ва ҳашароти дигари хоянда нест мешаванд. Дар бехи танаи дарахтон поруи гӯсфанд рехтан лозим, бо ин роҳ мушҳо метарсанд. Барои тарсондани заргӯш дар танаи дарахт молидани омехтаи нафтали-30 грамм, собун-350, равғани растанӣ-200, скипидар - 40 ва даҳани фаранг 10 грамм (дар 1 л об) тавсия мешавад.

Ба муқобили сипарболакҳо, кирми шапалаки ҳалқагузор, ширинчаҳо, асалак истифодабарии эмулсияи равғани керосинӣ дар аввали баҳор пеш аз кушодашавии муғҷаҳо самаранок аст. Маҳлул аз 400 г собун, 800 г керосин дар 10 л оби борон тайёр мешавад. Тарзи тайёр кардани ин маҳлул чунин аст: аввал собунро дар камтар оби ҷӯш маҳлул карда, сипас бо он керосин рехта, хуб омехта менамоянд, вақте ки ранги маҳлул сафед мешавад, боқимонда обро ба он ҳамроҳ мекунанд. Маҳлули дуруст тайёркардашуда ранги ширро мегирад ва дар муддати якчанд соат ба қабатҳо ҷудо намешавад.

**Мусоҳиб Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**


**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 413397 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи Неругоҳи барқи обии «Роғун» | Гази аргон, метан ва гелий | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 28.02.2023 13:00:00 |
| 2 | 413399 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ, лавозимоти дӯзандагӣ, хокаи ҷомашӯӣ ва маҳсулоти гигиенӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 16 | 28.02.2023 14:00:00 |
| 3 | 413400 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Сӯзишворӣ барои Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон ва бахши он дар ноҳияи Шаҳристон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 28.02.2023 14:31:31 |
| 4 | 413401 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и шаҳри Гулистон | Таъмири намои бино ва ободонии ҳудуди муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.02.2023 14:37:37 |
| 5 | 413402 | Муассисаи давлатии таълимии «Гимназияи №3 барои хонандагони болаёқат»-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бино ва азнавсозии майдончаи варзишии муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.02.2023 14:50:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**



## ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

Funded by European Union Humanitarian Aid · IFRC · German Red Cross · Finnish Red Cross · Croce Rossa Italiana

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) дар чорчӯбаи лоиҳаи **«Суръат бахшидани фаъолиятҳои маҳаллӣ дар шароити буҳронҳои гуманитарӣ ва тандурустӣ»**, ки аз тарафи Иттиҳоди Аврупо (DG ECHO) ва шарикони рушд маблағгузорӣ шуда истодааст, ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерӣ ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хоҳишмандро ба озмуни тендерӣ даъват менамояд.

**Лоти 1:** Амалӣ намудани 4 лоиҳаи митигатсионӣ дар 4 ноҳияи мақсаднок: шаҳрҳои Панҷакент ва Исфара, ноҳияҳои Ашт ва Ҷаббор Расулов;

**Лоти 2:** Таҷҳизоти мактабӣ (Рюкзак ва таҷҳизоти канселярӣ);

**Лоти 3:** Таҳия ва чопи маводи иттилоотӣ.

Барои иштирок дар озмуни тендерии баргузоршаванда нусхаи ҳуҷҷатҳои расмӣ ва маълумотнома оид ба қарздор набудан дар назди буҷети давлатӣ пешниҳод кардан лозим аст.

Барои гирифтани маълумот оид ба озмуни тендерӣ ҳама шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ метавонад ба суроғаи зерин муроҷиат кунанд: шаҳри Душанбе, кӯчаи Умари Хайём - 120, телефони тамос: 224 - 42 - 85, шуъбаи таъминоти моддии техникӣ.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳое, ки нархҳои пешниҳодшуда дар онҳо нисбатан паст нишон дода шудаанд, қобили қабул намешуморад.

**Муҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо - 27-уми феврали соли 2023 то соати 9⁰⁰.**



## ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

IFRC

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) барои иштирок дар озмуни тендерии харид аз тариқи иштироки номаҳдуд ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хоҳишмандро аз рӯи 9 лот дар асоси лоиҳаҳои «Сафарбаркунии ҷомеа оид ба эмгузаронии COVID – 19, марҳилаи 3-юм», «Ҳолатҳои фавқулода» ва «Солимии ҷомеа дар водии Рашт», ки аз ҷониби Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар (ФБҶСС ва ҲА), ЮНИСЕФ (UNICEF) ва Салиби Сурхи Финландия маблағгузорӣ мегарданд, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:

**Аз рӯи лоиҳаи «Сафарбаркунии ҷомеа оид ба эмгузаронии COVID – 19, марҳилаи 3-юм»;**

1. Таъмини ҷузвдон (сумка)-ҳои сайёри шахсӣ барои ҳавасмандгардонии намояндагони гурӯҳҳои мақсадноки лоиҳа (ҷузвдони хурди сайёр, ниқоби тиббии бисёркарата, санитайзер 100 мл ва брелок бо рамзгузориҳо);

2. Таъмини баландгӯякҳо ва телефони мобилии тамғаи «Самсунг» (смартфон А03);

3. Таъмини ниқобҳои тиббии яккарата тамғаи (FPP1) ва санитайзер (100 мл, спрей);

4. Таъмини камзол, футболка ва кулоҳ (кепка) бо рамзгузорӣ;

5. Хизматрасонии аниматорҳо дар вилояти Суғд;

6. Таъмини воситаи нақлиёти сабукрави тамғаи UZ GM Chevrolet Comalt LTZ;

7. Таҳия ва чопи маводи иттилоотӣ (муфассал дар таснифоти алоҳида).

**Аз рӯи лоиҳаи «Ҳолатҳаи фавқулода»; ЮНИСЕФ (UNICEF):**

8. Таъмини моноблокҳои тамғаи HP, принтерҳои Canon, клавиатураҳои беноқил ва таҷҳизоти алоҳидаи хотиравӣ (муфассал дар таснифоти алоҳида);

**Аз рӯи лоиҳаи «Солимии ҷомеа дар водии Рашт»:**

9. Таъмини чойникҳои барқии тамғаи (TEFAL).

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмуни тендерии баргузоршаванда нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ ва маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхатҳои ба сифати қарздор дар назди дигарон ва дорои иҷозатномаи дахлдор будани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо телефони рақами +992 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём - 120 унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳое, ки нархҳои пешниҳодшуда дар онҳо нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

**Муҳлати охирини пешниҳоди таклифҳо то соати 9⁰⁰-и 20-уми феврали соли 2023 бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.**



## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи А №042433-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №36-и ноҳияи Қубодиён соли 1992 ба Ғаниева Сабоҳат Абдураҳмоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Саъдуллоев Қурбоналӣ Нуруллоевич (РМА 030002010) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Ёвон соли 2012 бо суроғаи ноҳияи Ёвон, Ҷамоати деҳоти Норин, деҳаи Урта-қайнар, бинои 52, ҳуҷраи 1 ба Сафаров Имомиддин додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи шахсияти афсарии гумшуда, ки онро Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми августи соли 2018 ба Ҳомидов Бахтиёр Абдувалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Мирзо Турсунзода, Ҷамоати деҳоти Зайналобод, кӯчаи Истиқлол - 2, ҳавлии №63 ба Зиёева Зебо Махтоҷовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ЕВ №262135-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти қайди 54 соли 1978 ба Джумаев Сергей Абдухатович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хизматии силсилаи ҶТ №502863-и гумшуда, ки онро Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017 ба Соибов Шамсиддин Сафаралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ № 1072134-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2022 ба Исмоилзода Муҳаммад додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматии № 0128247 таҳти қайди №8Д-5049-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе санаи 31-уми октябри соли 2006 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, бинои 87/2, квартираи 2 ба Сафаров Юсуфҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Дарвоз ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Гулчанг» (РЯМ 7310001289, РМА 730004726) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии №0083679-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 26-уми ноябри соли 2018 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Абӯалӣ ибни Сино ба Қурбонзода Фарухҷони Ҳукматулло (РМА 225297159) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи силсилаи А 02133879-и гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 5-уми июли соли 2019 ба Салохидинова Симо Мухамадиевна (санаи таваллуд 21-уми августи соли 1987) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Сабзикор, ҳавлии №16 ба Сирадҷов Шабидин Зиявидинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ таҳти қайди 297-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 7-уми феврали соли 1991 бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи сеюми кӯчаи Фучик, ҳавлии №4 ба Гадоева Мория Меликовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии таъсисёбии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2020 ба Нозимов Шерзод Ҳошимхонович (РМА 020003319) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи А №262222-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №89-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1995 ба Салихова Гульшан Зайнидиновна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати такрории хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ №0977922-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5-и ноҳияи Қубодиён соли 2023 ба Гадоева Сайнасаб Илҳомовна додааст, эътибор надорад.

✓ Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ 3130017431-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Хуросон ба Одилов Мусулмон Исоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи №0067833-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Қубодиён 11-уми октябри соли 2018 таҳти №215 ба Ибрагимов Журақул Тулаганович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро КФБТ-и ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати шаҳраки Сомониён, кӯчаи Гагарин - 11, хонаи 5 ба Нурмамадова Содатбахт Сангмамадовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии гумшуда, ки онро ШВКД-2 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Қурбонов Аҳмадҷон Қудбидинович (санаи таваллуд - 4-уми апрели соли 1995) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии фаъолияти соҳибкории инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Сироҷов Ҳусниддин Ҷалолиддинович (РМА 045928364) додааст, эътибор надорад.


**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**


Садои мардум

САРМУҲАРРИР **АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло**

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:** *Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев ва Фарзона Файзалиева*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97*

*Ба чопаш 8 феврали соли 2023, соати 15:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35520 нусха*

Навбатдорони шумора А. Мирзозода ва Ш. Абдулвоҳидова

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров